**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.**

**Парвандаи аттестатсионии № ____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 29 августи соли 2025, №89**

Барои сазовор донистани Хоҷазода Гулҷаҳон Ҷаҳфар шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Хоҷазода Гулҷаҳон Ҷаҳфар дар мавзуи «Оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷ**ик** (асрҳои IX - XI)».

Аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя 19 июни соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №69-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Хоҷазода Гулҷаҳон Ҷаҳфар 26.07.1971 таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 1998 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷӯраевро бо ихтисоси олигофренопедагогика (**дипломи ДТО №1185776**) хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Хоҷазода Гулҷаҳон Ҷаҳфар аз соли 1994 то 1995 ба ҳайси мудири кабинет дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷӯраев оғоз ёфтааст. Солҳои 1996-1998 ба ҳайси роҳбаладии факултети педагогика, солҳои 1999-2006 ассистенти кафедраи методикаи таълими ибтидоии факултети педагогика, солҳои 2006-2012 муаллими калони кафедраи методикаи факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ кору фаъолият кардааст. Аз соли 2012 инҷониб фаъолияташро ба ҳайси муаллими калони кафедраи педагогикаи умумии назди факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ идома бахшида истодааст.

Хоҷазода Гулчаҳон Ҷаҳфар солҳои 2012-2015 ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (фармоиши қабул аз 27.02.2013, №95-ОД) корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Хоҷазода Гулчаҳон Ҷаҳфар дар мавуи «Оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX - XI)», дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 28.11.2012, №10 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Раҷабзода Маҳмадулло – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

Хоҷаев Қурбон Тоҳирович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

Аюбзода Манижа Зокир – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Дар хулосаи мусбат додашуда аз 08.08.2025, протоколи №11/2, ки онро раиси ҷаласа, Нарзуллоев Ҳ.С. - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва котиби ҷаласа Нураҳмадзода Д. имзо карда, ректори Донишгоҳи мазкур - доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки «...диссертатсияи Хоҷазода Гулчаҳон Ҷаҳфар як кори илмии мукаммал буда, ба ҳалли масъалаи муҳимми педагогӣ - **о**ғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик равона гардидааст. Муаллифи диссертатсия аввалин маротиба дар соҳаи илми педагогикаи ватанӣ мавзуи «Оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX - XI)»-ро ҳамаҷониба мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили амиқи

илмӣ қарор додааст.  Таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти илмӣ ва амалии назаррас буда, барои рушди минбаъдаи назария ва амалияи педагогика мусоидат хоҳад кард. Муаллифи диссертатсия, инчунин, воқеъбинона ба ақидае расидааст, ки таҳия ва нашри пажӯҳиши академии «Таълим ва тарбияи миллӣ дар оғози Эҳёи Аҷам ва аҳди Сомониён», корбасти унсурҳои таълимоти педагогии давраи Эҳёи Аҷам дар педагогикаи муосири тоҷик, таҳияи дастурҳои тарбиявӣ дар асоси таҷрибаҳои пешқадами замони Сомониён арзишманд мебошад».

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур на танҳо дорои аҳамияти назаррас аст, балки бо арзиши ҳадафмандии худ дар амалия ва назарияи раванди оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX - XI) таҷассум меёбад. Бо назардошти ин, масъалаи таҳқиқотии пешниҳодгардида дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

Дар ҳамин асос метавон ба натиҷа расид, ки кори таҳқиқотии Хоҷазода Гулҷаҳон Ҷаҳфар дар мавуи «Оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX - XI)» таҳқиқоти баанҷомрасида буда, автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос карда, мақолаҳои чопнамудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, фарогири мавзуи диссертатсия мебошад.

Инчунин, қайд гардидааст, ки Хоҷазода Гулҷаҳон Ҷаҳфар довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 8 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 5 номгӯй мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М]. Хоҷаева, Г.Ҷ. Омилҳои асосии рушди тарбияи маънавӣ дар аҳди Сомониён // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.–Душанбе, 2017. - № 5 (72). - С. 43–46. ISSN: 2219-5408

[2-М]. Хоҷаева, Г.Ҷ. Педагогикаи миллӣ ва ташаккули заминаҳои он дар давраи Эҳёи Аҷам // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2024. - №2 (46). – С.70-76 ISSN:2617-5320

[3-М] Раҷабзода М., Хоҷаева Г.Ҷ. Нақши Исмоили Сомонӣ дар Эҳёи Аҷам ва рушди пелагогикаи миллӣ // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. -  Душанбе, 2024. - №1  (50). - С.167-175. ISSN: 2222-9809

[4-М]. Хоҷаева Г.Ҷ. Ҷойгоҳи амирони Сомонӣ дар ташаккули афкори тарбиявии Рӯдакӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, 2022. - № 3 (13). - С. 127-131. ISSN: 2708-5759

[5-М]. Хоҷаева Г.Ҷ Тарбияи маънавӣ дар аҳди Сомониён дар партави оинҳои исломӣ ва суннатҳои мардуми эронинажод // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, 2023. - № 2 (16). - С. 40-44. ISSN: 2708-5759

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва фишурдаи он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва баланд шудани сатҳ ва дараҷаи таҳқиқоти мазкур мегардад. Аз ҷумла:

1. Мавзуи диссертатсия дар бораи халқи тоҷик аст, вале муайян нест, ки таҳқиқ ба кадом минтақаҳо (Мовароуннаҳр, Хуросон, Бухоро, Самарқанд, Панҷакент ва ғ.) такя мекунад. Дар ҳолати набудани таъйини ҷуғрофиёӣ таҳлил умумӣ ва каммаҳсул мешавад.

2.Дар таҳқиқот мафҳумҳои калидӣ, аз қабили "педагогикаи миллӣ", "тарбияи маънавӣ" ва "арзишҳои таълимӣ" ба таври возеҳ таъриф нашудаанд ва наҳваи истифодабарии онҳо норушан боқӣ мондааст.

3.Дар қисмати методологӣ фаҳмонида намешавад, ки кадом усулҳои таҳқиқ истифода шудаанд: таърихӣ-таҳлилӣ, муқоисавӣ, моделсозӣ, ё контент-таҳлил.

4.Дар таҳқиқ муқоисаи андешаҳои педагогии мутафаккирони Эҳёи Аҷам бо таҷрибаи халқи дигар ё мактабҳои педагогии ҷаҳонӣ (масалан, Юнон, Хитой, Ҳинд ё исломии анъанавӣ) оварда нашудааст.

5.Дар матни диссертатсия баъзе ғалатхои техникию имлоӣ ба чашм расид (масалан, дар саҳифаҳои 14, 15, 37, 80).

Камбудиҳои зикргардида метавонанд ба осонӣ ислоҳи худро ёбанд ва онҳо аз диди илмию таҳқиқотӣ ба муҳтаво, мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсия таъсир намерасонанд.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти гузаронидаи диссертант арзишҳои назаррасро соҳиб буда, дақиқӣ ва возеҳии мафҳуми диссертатсия дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, вазифагузории он, аҳамияти назариявию амалӣ гувоҳи онанд.

Хулоса, диссертатсияи Хоҷазода Гулҷаҳон Ҷаҳфар дар мавуи «Оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX - XI)» кори таҳқиқотии нав, навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан кам таҳқиқшуда буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Хоҷазода Гулҷаҳон Ҷаҳфар сазовори дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шарифов Муҳсин Ғаффорович мураттаб гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 08.08.2025, протоколи №11/2, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Хоҷазода Гулҷаҳон Ҷаҳфар иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд.

Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Абдураҳимзода Қ.С. - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Тақриз мусбат мебошад.

2. Аҳмадзода Бунавша Саймузафар – номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ.

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

3. Каримзода Шавкат – номзади илмҳои педагогӣ, директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

4. Шарипов Анвар Абдурасулович – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ.

Муқарриз эрод надорад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Хоҷазода Гулҷаҳон Ҷаҳфар сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 19

июни соли 2025, №69-ИҲ, тибқи банди 61, Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки** дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин **иҷро шудаанд:**

- маҷмуи муқаррароти заминаҳои назариявӣ ва методологии оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX - XI) **муайян ва асоснок карда шудааст;**

- моҳият, мазмуну муҳтаво ва роҳу шароитҳои эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик дар асрҳои IX - XI **ошкор карда шудааст;**

- оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик дар асрҳои IX – XI муайян, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва ба таври озмоишӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда, самаранокии онҳо **собит карда шудааст;**

- ҷузъҳо ва нишондиҳандаҳои сатҳи оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик дар фаъолияти омӯзгорӣ **аниқ карда шудааст;**

- тавсияҳои методӣ роҷеъ ба омӯзиши оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик дар фаъолияти педагогӣ **коркард ва пешниҳод карда шудааст.**

- самаранокии дар амал татбиқ намудани он ба таври озмоишӣ **санҷида шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- муқаррароту тавсияҳои назариявии дар диссертатсия ироа шуда ба методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии педагогиву психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ такя мекунад, ба таври васеъ мавриди таҳқиқоти минбаъда ва истифода **қарор гирифта метавонад;**

- мавод ва натиҷаҳои бадастомадаи он дар раванди таҳқиқи минбаъдаи мероси педагогии даврони Эҳёи Аҷам ва навиштани диссертатсияҳо оид ба ин мавзуъ мавриди истифода **қарор метавонад;**

- мавод ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, курси лексияҳо ва маводи семинарӣ барои донишҷӯён аз фанҳои педагогика, таърихи педагогика ва адабиёт мавриди истифода **қарор гирифта метавонад;**

- хулосаҳои назариявии таҳқиқот ва тавсияҳои амалии он дар фаъолияти сохторҳои дахлдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои тарбияи

миллии насли наврасу ҷавон ва қишрҳои дигари ҷомеа мавриди истифода **қарор гирифта метавонад;**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- таҳияи тарзу воситаҳои ташхисӣ барои муайян ва таҳқиқи кардани оғози эҳёи аҷам **метавонад** дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX - XI) ва талаботи онҳо ба худрушддиҳӣ дар шароити муосири муассисаҳои таълимӣ **кӯмак расонанд;**
- таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи амсилаи омӯзиши оғози эҳёи Аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик дар асрҳои IX – XI, ба таври самаранок ташаккул додани онҳо **фароҳам меоварад**;
- озмоиш ва ҷорӣ намудани барномаи ҳамкориҳои самарабахш оид ба омӯзиши оғози эҳёи Аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик ба худҳавасмандсозӣ, худташкилкунӣ ва худрушддиҳии хонандагон **кӯмак мерасонад;**
- мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кор бо омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дар такмили ихтисоси омӯзгорон **метавонанд** ба таври васеъ **мавриди истифода қарор бигиранд;**
- тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон **метавонанд** ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор ва сифати таълим **истифода баранд;**
- муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **метавон тадрис намуд;**
- натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон доданд, ки дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиқаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот **таъмин карда шудаанд;**
- маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқотро, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд **таъмин карда метавонанд;**
- интихоб ва таҳлили шароит ва натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ **таъмин карда шудаанд;**

- тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд, **исбот карда шудааст;**

- таҳлилу арзёбӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ бадастомада, **коркард ва самаранокии онҳо исбот карда шудааст;**

- муътамад будани натиҷаҳои ноилшуда ва таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи диссертатсия **асос ёфтанд;**

- истифодаи методҳои такмилдиҳандаи якдигар, мақсадҳои комилан мувофиқ, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути методҳои оморӣ ва таҳлил **ба даст омадаанд;**

- иштироки бевоситаи муаллиф дар фаъолияти касбии омӯзгорӣ, илмӣ-методӣ, таҳқиқотӣ ва ташкили он дар пойгоҳи озмоишӣ **таъмин карда шудаанд.**

- муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, баланд бардоштани самарабахшии оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX - XI) дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз бисёр ҷиҳатҳо **таъмин карда метавонанд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда шуда, натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд;**

- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ. **ироа, тасвиб ва баррасӣ шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум меёбад:**

- **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

**- дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

**- дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили микдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

- **дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

**- дар таҳияи воситаҳои ташхис** барои муайян кардани сатҳи оғози эҳёи Аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX - XI);

**- дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

**- дар коркард ва мавриди озмоиш қарор додани** барномаи татбиқи амсилаи оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX - XI);

**- дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар маҷлис аз 29 августи соли 2025, №89 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Хоҷазода Гулҷаҳон Ҷаҳфар ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 6 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 10 нафар, муқобили – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 29.08.2025

Мухри муассисае, ки дар заминаи он шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст.